**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Холмуродова Меҳрафрӯз Буриевна дар мавзӯи “Таърихи раванди оштии миллии тоҷикон (солҳои 1991-2001)”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300 – Таърих.**

Таърихи раванди оштии миллии тоҷикон ва омӯзиши паҳлуҳои гуногуни он барои мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини рушди ояндаи мамлакат аҳамияти бузурги таърихию сиёсӣ дорад. Зеро дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ, ки соҳаҳои ҳаётан муҳими халқу мамлакат аз он зиёни ҷиддӣ дида буданд, мамлакатро бухрони ҷиддии иқтисодӣ, сиёсӣ ва гуманитарӣ фаро гирифта буд.

Рӯзмаррагии мавзӯи диссертатсияи Холмуродова Меҳрафрӯз дар он аст, ки муаллиф масъалаҳои фаъолияти раванди оштии миллии тоҷиконро баррасӣ намуда, нақши онҳоро дар омӯзиши илмии ҷумҳурӣ нишон додааст.

Ҳадафи муаллиф таҳти омӯзиш қарор додани хусусиятҳои таърихи раванди оштии миллии тоҷикон дар солҳои 1991-2001-ум, баррасӣ намудани мушкилот ва монеаҳои он мебошанд. Барои амалӣ намудани мақсади таҳқиқот дар диссертатсия ҳалли чунин масъалаҳо муҳим дониста шуд, дар асоси таҳлил ва омӯзиши омилҳои дохилию хориҷӣ муайян намудани сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва нишон додани заминаҳои гуногуни ташаккулёбии равандҳои иҷтимоию сиёсӣ дар солҳои аввали истиқлолият, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додани марҳилаҳои асосии гуфтушунидҳои тарафҳои даргир ва нишон додани заминаҳои таърихии таъсиси ҳайати тарафҳои раванди оштии миллӣ ва мавриди баррасӣ қарор додани самтҳои фаъолияти онҳо ба шумор меравад.

Вазифаҳои дар таҳқиқот муайяншуда ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда пурра ба мақсад мувофиқат карда, арзиши илмии корро таъмин мекунанд. Ин далелро асосноккунии натиҷаҳои таҳқиқот, истифодабарии методҳои таҳлилӣ-мантиқӣ, таърихӣ, системавӣ ва

муқоисавӣ зимни таҳқиқи паҳлӯҳои мухталифи масъалаи мазкур тасдиқ менамоянд.

Диссертатсия дар асоси маъхазҳои ғанӣ навишта шуда, дар рафти таълифи он аз маводи бойгонӣ, матбуоти даврӣ ва хулосаҳои олимони соҳа истифода гардидааст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок ва дараҷаи омӯхта шудани он муайян шуда, ҳадафу вазифаҳои пажӯҳиш, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявю амалӣ, заминаҳои методологӣ, объекту матлаб ва чаҳорчӯбаи хрологию ҳудудии он муқаррар гардидаанд.

Боби аввали диссертатсия – **«Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои хоси он»** номгузорӣ шуда, ба омӯзиши сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, омилҳои гуногуни ба ин раванд таъсиррасон, неруҳои бо ҳам муқобили мунокишаҳои дохилии мамлакат ва марҳилаҳои асосии гуфтушунидҳои тарафҳо бахшида шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия **«Раванди оштии миллии тоҷикон ва аҳамияти таърихию сиёсии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ»** таърихи ба амал омадани раванди оштии миллии тоҷикон, раванди таъсисёбии комиссияҳои ҷонибҳои низои сиёсӣ, нақши созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷӣ дар танзиму ҳалли низои байнитоҷикон ва дар маҷмӯъ мақом ва нақши таърихии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ таҳлилу таҳқиқ гардидаанд.

Дар диссертатсия фикри ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзӯъ, пешниҳоди назариявӣ ва тавсияҳои амалии ӯ оварда шудаанд.

Автореферати дисссертатсия мазмуни онро дуруст инъикос менамояд. Доир ба мавзӯи диссертатсионӣ муаллиф 11 мақолаҳоро навишта, аз он ҷумла 6 мақоларо дар маҷаллаҳои тақризшаванда аз чоп баровардааст.

Ҳамин тавр, диссертатсия дар мавзӯи **“Таърихи раванди оштии миллии тоҷикон (солҳои 1991-2001)”** ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тибқи бандҳои 10, 11, 12-и тартиби

додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ мебошад.

**Мудири кафедраи таърихи умумии**
**МДТ “Донишгоҳи давлатии ба номи**
**Носири Хусрав”, номзади илмҳои**
**таърих, дотсент: Алимов Давлаталӣ Халилович**

13 апрели соли 2020

Имзои н.и.т., дотсент Алимов Д.Х.-ро
Тасдиқ менамоям
Сардори ШК ДДБ ба номи Носири Хусрав Атохоҷа Амиршоев

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар,
кӯчаи Айнӣ, 67, МДТ “ДДБ ба номи Носири Хусрав”,
тел.: (83222) 2-54-81, (83222) 2-22-53
http: // www. btsu.tj, E-mail:ktsu78@ mail.ru.